Дар бораи тасдиқ  намудани
Дастурамал «Оид ба андозбандии
корхонаҳои азнавтаъсисдодашуда»

Мутобиқи муқаррароти қисми 11 моддаи 313 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамал "Оид ба андозбандии корхонаҳои азнавтаъсисдодашуда" бо забонҳои давлатӣ ва русӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Дастурамали мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Боҷу хироҷ» ва «Ҷумҳурият» нашр намудани Дастурамали мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани он чораҷӯӣ намояд.

4. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5. Фармоиши муштараки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.02.2009, №12 ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.02.2009, №1-Ф «Дар бораи тасдиқ намудани «Тартиби ба қайди махсус (алоҳида) гирифтани корхонаҳои азнавтаъсисёфта, ки ба силсилаи коркарди пурраи нахи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагини дузандагӣ) банд мебошанд», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 феврали соли 2009, №517 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

6. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раис Юсупов П.С. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н.Давлатов**